**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025**

Автореферати диссертатсияи Нуров Сухроб Рустамович ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами илми таърихнигории муосири тоҷик бахшида шудааст. Маврид ба зикр мебошад, ки омӯзиши осори илмӣ ва таърихии муаррих ва олими шинохтаи тоҷик О.Б. Боқиев дар илми таърихнигории муосири Тоҷикистон ҳамчун фоли нек арзёбӣ мегардад. Олуболу Боқиев ҳамчун муаррих муаллифи як идда осори илмӣ-таърихӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX халқи тоҷик мебошад, ки дар онҳо ҳодисоту воқеоти муҳимми таърихӣ воқеъбинона инъикос ёфтааст.

Осори илмӣ-таърихии профессор О.Б. Боқиев аз нигоҳи инъикоси воқеоту ҳаводиси таърихӣ аз дигар офаридаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ тафовути ҷиддӣ дошта, то ҳол мавриди таҳқиқоти васеъи илмӣ қарор нагирифтааст. Ҳамзамон профессор О.Б. Боқиев дар раванди фаъолияти худ дар рушди илми таърихнигорӣ ва омода намудани кадрҳои илмии ҷавони Тоҷикистон саҳми барҷаста гузошта, далели хидматҳои шоёни ин муаррихи барҷаста дар рушди илми таърих, пеш аз ҳама, қадрдониҳои ҳукумати вақт нисбат ба кору пайкор ва осори илмии ӯ маҳсуб меёбад.

Навгонии илмии рисола дар он зоҳир мегардад, ки пажӯҳиши анҷомёфтаи муҳаққиқ яке аз кӯшишҳои аввалини омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ ҷиҳати инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев ба шумор меравад.

Аҳаммияти илмӣ-амалии натиҷаҳои дар рафти таълифи диссертатсия ба дастовардаи муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи омӯзиши ба аз он иборат аст,

ки натоиҷи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳилаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд, то ҳол мавриди омӯзиш ва пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ва аз ҷониби муаллиф нақши олим дар илми таърихнигории тоҷик мушаххас гардидааст.

Мундариҷа, мазмун ва муҳтавои автореферат, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ ва аҳаммияти илмӣ-амалӣ шинос гардида, сатҳи баланди таҳлил, асоси методологӣ ва назариявии диссертатсия, чаҳорчубаи хронологӣ, дурустии мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин сохтори таҳқиқотро эътироф менамоям.

Муаллиф ҳангоми таълифи диссертатсия усулҳои илмии омӯзиширо доир ба инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев ба роҳ монда, бахусус, ба истифодаи усули объективияти илмӣ - ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илми муосири таърих ва таърихнигорӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф тавонистааст мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқотро аз нуктаи назари илмӣ асоснок намояд, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро, ки шахсияти О.Б. Боқиев ва осори ӯ бо паймонаҳои мухталиф дар онҳо инъикос ёфтаанд, баррасӣ намояд, асоси методологии таҳқиқотро муайян карда, сарчашмаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқотиро аз худ намуда, онро тавсиф ва баҳои илмӣ диҳад. Муаллиф дар асоси таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ масоили асосии мавзуи таҳқиқотиро муайян намудааст.

Дар сарсухан чун анъана аҳаммияти илмии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мавзуъҳои илмӣ, заминаҳои манбаъшиносии таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола возеҳ гардида, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, чаҳорчубаи замонӣ,

саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас шудаанд.

Боби якум “Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев” ном дошта, он аз ду зербоб иборат мебошад. Муҳтавои онро масъалаҳои профессор О.Б. Боқиев – муҳаққиқ ва таърихнигори варзида ва инчунин вазъи сиёсӣ ва сохтори ҳудудию маъмурии манотиқи муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори профессор О.Б. Боқиев фаро мегирад.

Боби дуюм “Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев” ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст. Инчунин муҳтавои боби мазкурро инъикоси вазъи хоҷагии деҳоти ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев ва омӯзиши вазъи саноат, ҳунармандӣ ва муносибатҳои тиҷоратии манотиқи Тоҷикистон фарогир мебошад.

Боби сеюми рисолаи илмии унвонҷӯ “Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев” унвон дошта, аз ду зербоби асосӣ иборат мебошад. Мазмуни асосии боби мазкурро масъалаҳои бозтоби раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев ва инчунин инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти худудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев фарогир мебошад.

Муҳтавои рисола дар хулоса оварда шуда, аз ҷониби муаллиф тавсияҳои судманд ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи осори илмии О.Б. Боқиев пешниход гардидаанд.

Автореферати диссертатсияи Нуров С.Р. бо забони ноби адабии тоҷикӣ навишта шудааст, услуби нигориши илмӣ комилан риоя шудааст. Боиси зикр аст, ки муаллиф аз ӯҳдаи вазифаҳои дар назди худ гузошташуда

ба пуррагӣ баромада, натиҷаҳои ба дастоварда аҳаммияти амалӣ ва назариявиро доро мебошанд.

Забон ва услуби нигориши автореферати диссертатсия сода ва фаҳмо буда, дар он мантиқи сухан ва пайдарпайии замонӣ қотеъона риоя гардидааст.

Дар баробари ин ҳама муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои ҷузъӣ, ки аслан моҳияти техникӣ (партофта шудани ҳуруф) ва имлоӣ доранд, дар баъзе сатрҳо ба мушоҳида мерасад. Ин ғалатҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва воқеии рисолаи илмиро коҳиш дода наметавонанд.

Вале дар умум аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Нуров С.Р. дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев», аз рӯи ихтисоси **6.1.5.** Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ бармеояд, ки он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

**Муқарриз:**
**Номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи амнияти**
**иттилоотӣ ва технологияҳои**
**рақамии факултети №5 Академияи**
**Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, полковники милитсия** **Ташрифзода Ф.Қ.**

Имзои н.и.т., дотсент, Ташрифзода Фозил Қурбонро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**подполковники милитсия** **Саидзода А.Р.**

20.06.2026.

734012, ш. Душанбе, кӯч. М.Мастонгулов,
3 тел: 226-60-42, факс: 226-60-43; E-mail: avkdtj@mail.ru